# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)**

Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (аз рӯи самт ва соҳаи фаъолият), 13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ, аз ҷумла ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Ба масъалаи ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ ва аз худ намудани анъанаҳою суннатҳои мардумӣ дар асоси афзалиятҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ таваҷҷуҳи хоса додан лозим аст.

Чунки давраи кӯдакӣ марҳилаи муҳими ташаккули тамоми хислатҳо, рафторҳо ва ҷанбаҳои эмотсионалии шахс маҳсуб меёбад. Дар ин давра дар кӯдакон пайдоиши арзишҳо, фарқ кардани неку бад, интихоб кардани дӯстон ва ташаккули ақидаҳо ба вуҷуд меоянд. Кӯдакон барои дарк кардани олами атроф саволҳои зиёд медиҳанд. Онҳо кӯшиш мекунанд, ки дар бораи тамоми ашё, муҳити зист ва он чизе, ки барояшон писанд аст, маълумот пайдо намоянд. Аз ин рӯ, дар ниҳоди кӯдакон ҷой намудани меҳру муҳаббат ба Ватан, зодгоҳ, шахсони наздик, оила инчунин, арҷгузорӣ ба анъанаҳою маросимҳои миллӣ минҷумла бозиҳо, ки дар раванди ин фаъолият сифатҳои маънавӣ-ахлоқиро ташаккул медиҳанд, зарур ба шумор меравshand.

Албатта, бозӣ як намуди фаъолиятест, ки дар синни томактабӣ кӯдакон ба воситаи он ташаккул меёбанд, арзишҳои шахсӣ, маҳаллӣ, оилавӣ ва дар маҷмуъ ҳиссиёти ботинии онҳо ганӣ мегардад. Моҳияти бозӣ дар он аст, ки дар замири кӯдакон талаботи тағйир додани воқеияти атроф ва қобилияти эҷод кардани чизи нав бо истифода аз тахайюл пайдо мегардад.

Рисолаи илмӣ дар асоси талабот ва нишондодҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа аз қабили, Стратегияи рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи солҳои 2020-2025, мавзуи дурнамои илмии шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ ва бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон таҳти унвони «Методологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимӣ» таҳқиқ гардидааст.

Дар асоси коркард ва натиҷаи илмии ба дастовардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки диссертатсия бо назардошти аҳамияти замонавӣ доштан гузаронида шуда, ба рушди назария ва амалияи тарбияи томактабӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат хоҳад кард.

**Диссертант дар асоси навгониву иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта муқаррароти зеринро барои дифоъ пешбинӣ кардааст:** Ҷустан ва эҷод кардани он ғояҳою арзишҳое, ки ангезаҳои насли наврасро ҷиҳати баланд намудани сатҳи дониш, малака, маҳорат ва маърифат бедор мекунанду ба ин раванд мусоидат мекунанд, ташаккул додан лозим аст, рафъи бухрони маънавӣ, чораҳои бетаъхир андешидани ин раванд ва аз нав дида баромадани вазифаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи таълиму тарбия ба шумор меравнад, ворид кардани роҳҳои инноватсионии аз нав кардани принсипҳо ва истифодаи технологияҳои муосири педагогӣ

дар фаъолият авлавият дошта, ташаккул додани сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар айёми хурдсолӣ бо роҳи ташкили бозиҳо, бозиҳо иқтидори бузурги тарбиявӣ дошта, ба рушди тамоми равандҳои маърифатӣ: тафаккур, хотира, диққат ва тасаввурот таъсир мерасонанд; бозиҳо ҳиссиёти кӯдаконро инкишоф дода, амалҳои ӯро ба танзим медароранд; ба кӯдакон лаззат ва вақтхушӣ бахшида, меъёрҳои рафтору гуфтор ва амалу ахлоқе, ки барои ҷомеа зарурӣ арзёбӣ мегарданд, ташаккул медиҳанд; шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон таҷрибаҳои иҷтимоиро омӯзанд ва дар ин замина, бо ҳамсолон фаъолона муошират кунанд; маҳз дар бозиҳо иродаи кӯдакон инкишоф ёфта, барои бартараф кардани душвориҳо заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад; дар фаъолияти бозиҳо ҷанбаҳои ақлии кӯдакон ташаккул ёфта, дарки дигарон ва ба эътибор гирифтани фикру ақидаи ҳамсолон сурат мегирад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Дараҷаи эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои тадқиқот бо равиши методологӣ ба ҳалли масъала, таҳлил ва истифодаи дастовардҳои илми психология ва  педагогикаи муосир, маҷмуи усулҳои тадқиқоти илмӣ, ки ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ мувофиқанд, таъмин карда мешавад. Инчунин, мавҷудияти маълумотеро, ки аз тағйироти мусбӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ шаҳодат медиҳанд, иборат мебошад.

Дар кори диссертатсионии Раҳимзода Файзимо Гурез вазъи ҳозира ва тамоюлҳои инкишофи таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон  аз мавқеи саҳеҳ ва дақиқ кардани таъмини роҳу усулҳои педагогии ҳамкории муассисаи таълимии томактабӣ ва оила дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ коркард шудааст.

Муҳаққиқ натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар интишороти зиёди расонаҳои соҳавӣ, дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод кардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро ба таври равшан исбот месозад.

Муаллифи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқоти худ, ҳадафу вазифаҳо, предмет ва мантиқи таҳқиқотро дар асоси таҳлили манбаҳои гуногуни иттилоотӣ, методӣ, педагогӣ, психологӣ, методологияи илмӣ, истифодаи моҳиронаи методҳои таҳқиқотӣ ва таҷрибаи шахсӣ таҳия ва баррасӣ намудааст, ки арзиши баланди илмӣ ва амалӣ доранд.

Натиҷаҳои дар рафти таҳқиқот ба даст омада дорои ягонагии ба ҳам алоқаманд буда, шароити педагогии мусоидро барои таъмини роҳу усулҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ таъмин менамояд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи матраҳшаванда, сатҳи коркарди масъалаҳо ва проблемаҳо, мақсад, вазифа ва фарзияи диссертатсия, марҳалаҳои кори таҳқиқот, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, асоси методологӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳод гардида нишон дода шудаанд.

Пас аз овардани муқаддима масъалаҳои назариявиву амалии марбут ба кори таҳқиқотӣ дар ду боб ва зерфаслҳои алоҳида тақсим шуда, таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Боби якуми диссертатсия **«Асосҳои назарӣ ва методологии шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ»** мебошад ва масъалаҳои фаҳмиш ва таснифи бозиҳои кӯдакони синни томактабӣ, моҳият ва хусусияти бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии

кӯдакони синни томактабӣ, нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабиро баррасӣ менамояд.

Муаллифи рисола қайд мекунад, ки дар давраи аввали кӯдакӣ низоми муносибатҳои байни кӯдак бо калонсолон ва ҳамсолон васеъ мешаванд ва ташаккул меёбанд. Амалҳо мураккабтар гардида, фаъолияти муштарак бо ҳамсолон ба вуҷуд меоянд. Кӯдаки синни томактабӣ олами атрофро дарк карда, муносибатҳоро дар асоси меъёрҳои рафтор ба роҳ мемонад.

Дар идома диссертант иброз медорад, ки айёми синни томактабӣ давраи кӯтоҳ, вале муҳим барои ташаккули шахсият ба шумор меравад. Дар ин вақт кӯдакон доир ба ҳаёти гирду атроф ва омилҳое, ки ба онҳо таъсир мерасонанд, донишҳои аввалин пайдо мекунад. Яъне, дар онҳо муносибати муайян бо дигарон ба вуҷуд омада, ташаккули хислат, маҳорат ва одатҳои рафтор сурат мегиранд. Дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мазмуну қоидаҳои бозӣ нақши муҳим доранд. Қоидаҳо бозӣ шароит фароҳам меоранд, то кӯдакон рафторҳои худро ба танзим дароранд, муносибатҳоро дуруст бароҳ монанд ва амалҳоро зери назар қарор диҳанд.

Тарбияи маънавию ахлоқӣ ташаккули шахсияти комилро таъмин намуда, ба инкишофи муносибатҳои созанда роҳандозӣ менамояд. Ин масъала танҳо дар натиҷаи татбиқи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ барои инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдакони синни томактабӣ ҳалли худро меёбад.

Дисертант таъкид менамояд, ки ба таври сунъӣ низоми тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдаконро ба вуҷуд овардан мумкин нест. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар тули асрҳо ва раванди муносибатҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, дар урфу одат, расму оин ва тарзи зиндагии одамон зоҳир мегардид. Аз ин рӯ, ба низом даровардан ва эҳёи арзишҳои

маънавӣ-ахлоқиро дар ҷомеа, инчунин муносибатҳои анъанавии байни педагог ва кӯдаконро ба роҳ мондан лозим аст.

Боби дуюми диссертатсия **«Усул, шакл ва воситаҳои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо»** масъалаҳои муҳимро дар раванди таҳқиқот ба монанди: рушди самарабахши ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар асоси шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо, бозӣ ҳамчун воситаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ, натиҷаҳои корҳои озмоиширо барои муайян кардани ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар фаъолияти бозиҳо пешниҳод намудааст.

Раҳимзода Файзимо Гурез иброз намудааст, ки ташкил кардани муносибати дӯстона дар раванди бозӣ омили муҳими барпо кардани дӯстӣ, рафоқат, якдигарфаҳмӣ, ҳамдилӣ ва хайрхоҳӣ мегардад. Бозиҳо ба баланд гардидани фаъолияти шуури кӯдакон замина фароҳам оварда, ба рафторҳо ва ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо мусоидат мекунанд. Аз ҷониби дигар хусусиятҳои алоҳидаи рафтори кӯдак дар фаъолияти ӯ зоҳир мегардад. Аз ҷумла, аз фаъолияти системаи асаб хислатҳои серҳаракатӣ ё оромтабиат будан, донистагирӣ (саволдиҳӣ, кунҷкобӣ, мушоҳидачигӣ), бозикунӣ (ташкилотчӣ ва пешбар будан), меҳнат карда тавонистан (мустақилонокӣ, меҳнатдӯстӣ) ва ғайра муайян карда мешаванд. Дар раванди кори таълиму тарбиявӣ бояд ҳамаи онҳо ба ҳисоб гирифта шаванд.

Дар ҳама гуна бозиҳо ҷузъҳои ҷисмонӣ ва рӯҳӣ бо ҳам зич алоқамананд: кӯдакон на танҳо малакаҳои асосии ҳаракатиро такмил медиҳанд, зарурати ҳаракатҳои фаъолро дарк мекунанд, қувваи ҷамъшударо сарф мекунанд ва аз як тараф мустақилият, суботкорӣ, ташаббусро омӯзанд ва аз ҷониби дигар ҳамчунин қобилияти идора кардани худ ва ҳамфикр будан бо даста, ҳамоҳанг кардани амалҳои худ бо амалҳои аъзоёни гурӯҳ низ дар онҳо ташаккул меёбад.

Дар асоси маводи эмпирикӣ ва назариявӣ кори таҷрибавӣ-озмоишӣ ба воситаи маълумоти дар асоси гузаронидани озмоишҳо ва омӯхтани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба даст оварда шуда, ба расмият дароварда шуд; ҳамаррӯза истифодаи воситаҳои гуногуни инноватсионӣ дар раванди корҳои таҳқиқотӣ дар муассисаҳои томактабӣ таҳлилу баррасӣ шудааст; гузаронидани суҳбатҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ бо кормандони муассисаҳои томактабӣ; таҳлил намудани фаъолияти педагогҳо ва мураббиён ҳангоми роҳандозӣ намудани усулҳои инноватсионӣ барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ дар раванди бозиҳо; дар асоси фарзияи таҳқиқот гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои томактабии озмоишӣ фаро гирифта шудаанд.

Бояд зикр кард, ки аз ҷониби муаллифи рисола озмоишу санҷиши самаранокии шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ амалӣ гардидааст.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои диссертант мантиқан аз муҳтавои умумии рисола бармеояд. Автореферат мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос мекунад.

Саҳми шахсии муаллиф бошад, дар бароҳмонии усулҳои инновасионии педагогӣ баҳри ташаккул, инкишоф ва бакамолрасии кӯдакони синни томактабӣ мебошад. Пажӯҳишгар дар фаъолияти корӣ тавонистааст, тамоми паҳлуҳои мавзуи матраҳшавандаро то сатҳи лозимӣ ҳаллу фасл намуда, ба муваффақиятҳои назаррас ноил гардидааст.

Натиҷаҳои илмии дар рафти таҳқиқот ба даст овардашудаи диссертант, дар 10 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати

маорифи Федератсияи Россия ва маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ аз чоп баромадаанд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, асоснокии натиҷаҳои асосӣ, хулоса, муқаррароти таҳқиқоти озмоишӣ ва тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалу диаграммаҳо таъмин шудааст.

Кори диссертатсионӣ бо забони фаҳмои тоҷикӣ, тибқи муқаррароти Дастурамал, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, пайдарҳамии мантиқӣ ва мутасилии он ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Масъалаҳои баррасишаванда ба таври равшану возеҳ оид ба ҳар як боби диссертатсия дар алоҳидагӣ ва дар умум хулоса карда шудааст.

**Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ:**

Бо вуҷуди муваффақиятҳо ва дастовардҳои илмию амалие, ки дар боло зикр шудаанд, кори диссертатсия аз камбудиҳо холӣ нест.Ба назари мо пешниҳоди ин камбудиҳо барои такмили минбаъдаи муҳтавои диссертатсия кумаки амалии худро мерасонад,аз ҷумла:

1. Дар кори диссертатсионӣ таҳлили Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи истифодаи шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ мушоҳида нагардид. Дар ин бобат унвонҷӯ фикру ақидаи худро иброз медошт, арзиши амалии таҳқиқотро боз ҳам афзунтар менамуд.

2. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки дар диссертатсия натиҷаҳои ба даст омадаи унвонҷӯ бо натиҷаҳои таҳқиқотҳои дигар олимон, махсусан муҳаққиқони ватанӣ муқоиса мегардид, ки ин ба диссертатсия арзиши илмии бештар мебахшид.

3. Хуб мешуд, ки довталаби дараҷаи илмӣ дар диссертатсия оид ба таҷрибаи бевоситаи муассисаҳои томактабии пешқадами ҷумҳурӣ роҷеъ ба ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ намунаҳо пешниҳод менамуд.

4. Ғалатҳои имлоию техникии дар кори илмӣ мавҷудбуда ба эътибор гирифта мешуд, арзиши илмии рисолаи мазкурро боло мебурд.

Ин нуктаҳо танҳо пешниҳод буда, ҳаргиз арзиши назарӣ ва амалии рисолаи мавриди назарро кам намесозанд.

Ҳамин тавр, довталаб ба мақсадҳои дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ба пуррагӣ ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Бинобар ин, диссертатсияи номзадии Раҳимзода Файзимо Гурез дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташкили бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ» кори илмии бaанҷомрасида буда, ба талаботе, ки КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ кардааст, ҷавобгӯ мебошад. Фишурдаи рисола ва силсилаи мақолоте, ки унвонҷӯ перомуни мавзуъ дар маҷаллаҳои илмии тайиднамудаи КОА чоп кардааст, муҳтавои диссертатсияро инъикос намудаанд.

Диссертатсияи Раҳимзода Файзимо Гурез кори мустақилона ва илмию тахассусӣ буда, ҳалли масъалаи мубрами барои илм ва амалияи соҳаи педагогикаи томактабӣ муҳимро дар бар мегирад ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст, ба талаботи Низомнома оид ба Шурои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ва бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми июни соли

2023, №295 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 - Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сабурӣ Хайрулло Мирзозода

02.04.2025

**Маълумот барои тамос:** : 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1.
Тел:.992928477607; E-mail: saburov.67@mail.ru

Имзои Сабурӣ Хайрулло Мирзозодаро тасдиқ менамоям.

Сардори РК ва КМ – и МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.